**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И.
_______________
«23» Майи соли 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
## ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи Ҳакимов Файзали Исматуллоевич дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 — Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.

Ҳакимов Файзали Исматуллоевич соли 2017 зинаи бакалавриати факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм кардааст ва дорандаи дипломи дараҷаи бакалаврӣ аз рӯйи ихтисоси “филологияи англисӣ”мебошад.

Соли 2019 шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси “филологияи англисӣ” ба итмом расонида, соҳиби дипломи дараҷаи магистр гардидааст.

Номбурда ба ҳайси унвонҷӯ 19-уми ноябри соли 2021 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, мавзуи рисолаи номзадиаш дар Шурои олимони донишгоҳ тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ – Ҷӯраев Хайём Акрамович, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чунин хулоса карда шуд:

Диссертатсияи Ҳакимов Файзали Исматуллоевич таҳқиқоти арзишманди илмӣ маҳсуб ёфта, он ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ бахшида шудааст. Мубрамияти диссертатсияи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳоест, ки дар илми забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ то ба ҳанӯз паҳлӯҳои таҳқиқнашудаи он боқӣ мондаанд. Алалхусус ошкор сохтани

умумият ва тафовут дар сохтор ва тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои мавриди назар ниҳоят муҳим мебошад.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти мазкурро корҳои илмӣ-таҳқиқотии забоншиносони ватанию хориҷӣ аз ҷумлаи Ҳ.Суит, Л.Блумфилд, О.Есперсон, А.Крузин, В.Граф, А.Кеннеди, инчунин англисшиносони собиқ шӯравӣ А.И.Смирнитский, М. Блох, О. Ахманова, О. 9 Бархурдаров, А.М.Пешковский А.Шахматов, В.В.Виноградов, В.Яртсева, В.А.Белошапкова, В.П.Белянин Е.Н.Ширяев, Л.Л. Иофик, Г.Г. Почепсов, В.К. Поржезинский, М.Н. Петерсон, А.М. Пешковский, Д.Тоҷиев, Ш.Ниёзӣ, Ш.Рустамов, Ф.Зикриёев, М.Н.Қосимова, В.Абдулазизов, С.Атобуллоев, Н.Раҳмонова, Н.Давлатов ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки хусусиятҳои сохториву маъноии ҷумлаҳои пайрави пуркунанда бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, тавофуту умумияти онҳо дар забонҳои таҳқиқшаванда муайян карда шудаанд. Ҳамчунин нақши пайвандакҳо дар ташаккули ҷумлаи пайрави пуркунанда дар ҳарду забон бениҳоят калон буда, дар диссертатсия бори аввал дар асоси муқоиса пешояндҳо ва артиклҳо, ки ба сифати воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар созмони ҷумлаҳои пайрави пуркунанда хизмат мекунанд, муайян карда шудаанд, ки он низ яке аз навгониҳои диссертатсия ба шумор меравад.

Натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар 11 мақола рӯйи чоп омадаанд, ки 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Руйхати мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1- М]. Ҳакимов Ф. И. Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ/Ф.И. Ҳакимов// Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2023, № 5.(106) - С. 67-74.

[2-М]. Ҷӯраев Х. А., Ҳакимов Ф. И. Таҳлили сохторӣ-маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ /Х.А. Ҷӯраев, Ф.И. Ҳакимов // Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2023, № 6.(107) - С. 83-91.

[3-М]. Ҳакимов Ф. И. Нақши воситаҳои грамматикӣ дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави пуркунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ чопӣ / Ф. И. Ҳакимов // Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Душанбе,2024, №3 - С.150-156.

[4-М]. Ҳакимов Ф. И. Таҳқиқи ҷумлаи пайрав аз нигоҳи забоншиносони рус/Ф. И. Ҳакимов// Ахбори Академияи миллии илмҳои

Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. - Душанбе, 2024, №2. - С. 158-162.

**Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷаллаҳо ва маҷмуаи маводи конфронсҳо:**

[5-М]. Ҳакимов Ф. И. Таҳлили муқоисавии воситаҳои грамматикии алоқаи ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ/Ф. И. Ҳакимов// Маводи конфренсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, ва методикаи ташаккули салоҳиятмандии ва методикаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ". – Душанбе. – 2023. - С. 102-105.

[6-М]. Ҳакимов Ф. И. Тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ /Ф.И. Ҳамкимов// Маводи конфренсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва проблемаҳои забоншиносии муосир". – Душанбе.- 2023. - С. 198-202.

[7-М] Ҳакимов Ф. И. Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрав ва мавқеи он дар забоншиносии англис/Ф.И. Ҳамкимов// Маводи конфренсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои назария ва амалияи тарҷума ва забоншиносӣ дар мактабҳои таҳсилоти олии касбӣ". – Душанбе. – 2023. - С. 187-191.

[8-М] Ҳакимов Ф. И. Вижагиҳои ифодаёбии ҷумлаҳои мураккаб дар забони англисӣ ва муодилаи онҳо ба забони тоҷикӣ /Ф. И. Ҳакимов// Маводи конфренсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои назария ва амалияи тарҷума ва забоншиносӣ дар мактабҳои таҳсилоти олии касбӣ". – Душанбе. - 2023. - С. 198-200.

[9-М] Ҷӯраев Х.А., Ҳакимов Ф. И. Ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони тоҷикӣ /Х. А. Ҷӯраев, Ф. И. Ҳакимов// Маводи конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи "Муносибати босалоҳият ба таълими забони хориҷӣ". - Душанбе -2024. - С. 142-143.

[10-М] Ҳакимов Ф. И. Ташаккул ва такомули ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии ҳозираи тоҷик/Ф.И. Ҳамкимов// Маводи конфренсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ". – Душанбе. –2024. – С.168-170.

[11-М] Ҳакимов Ф. И. Роҳҳои ифодаёбии алоқаи тобеъ дар сохтани ҷумлаҳои мураккаби тобеъи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ/Ф.И. Ҳамкимов// Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба амалигардонии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». – Душанбе. –2024. – С.243-246.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ҳакимов Файзали Исматуллоевич дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)»** барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 — Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гаштааст, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (номзади илмҳои филологӣ)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Ҳакимов Файзали Исматуллоевич дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 — Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя тавсия шавад.

Ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Ҳакимов Файзали Исматуллоевичро кори илмии ба анҷомрасидаи мубраму муҳим ва пурмуҳтаво меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф гардидааст ва ба ҳамаи талаботҳои таълифи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Бо назардошти ин кафедра диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод менамояд.

Қарори мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ дар таърихи 25 майи соли 2024 суратҷаласаи №10 қабул карда шуд.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 13 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** “тарафдор” – 13 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Раиси ҷаласа,
мудири кафедраи забоншиносӣ
ва типологияи муқоисавӣ
н.и.ф., дотсент Комилов Мирато Миршаробович

Котиби ҷаласа, коргузори
кафедраи забоншиносӣ ва
типологияи муқоисавӣ Мадкаримова Офтобхон Ҳакимҷоновна

25.05.2024 с.

«Имзоҳои М.М. Комилов ва О.Ҳ. Мадкаримоваро тасдиқ менамоям»

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим